МУАЛЛИМИ МАН Бузургтарин неъмате, ки дар дунё арзи хастӣ мекунад, илму дониш ва фарҳангу маърифат аст. Мактабҳои миёнаву олӣ на барои он ифтихор мекунанд, ки чӣ миқдор шогирд тарбия кардаанд. Бо он фахр доранд, чӣ кадар шогирд тарбия кардаанд, ки барои мардум ва чомеа фоидабахш будаанд. Дар давлат бузургтар ва муқаддастар аз мактаб дигар муассисае вучуд надорад. Ва вучуд дошта ҳам наметавонад. Он чизе, ки дар чомеа хаст – сохти давлатдорӣ, сулху суботи имрӯзу оянда, рушду т араккиёт аз мундарича, мухтаво, сифат ва натичаи кори мактаб вобаста аст. Ва «Мактаб нерумандтарин воситаи озод кардани инсон ва нерумандтарин воситаи гулом кардани инсон мебошад. Дар давлати озод мактаб воситаи озод кардан ва дар чамъияти тафаккури махдуд воситаи гулом кардани инсон аст» (В. Либкнехт).

Мухиммияти мактаб – аз хафт то хаждах соли хаёти инсонӣ фурсати бунёди таҳкурсии хаёти бокимондаи одам аст.

Дар мавриди фаъолияти мактаб гуфтан мушкил аст, ки чӣ дар чойи аввал меистад – таълим ё тарбия?

Инхо мафхумхои якдигарро пурракунанда мебошанд. Бе якдигар вучуд дошта наметавонанд. Дар ин маврид метавон бахс кард. Лекин ба андешаи мо, дар хар холат, тарбия дар чойи аввал меистад. Он мафхуми полисемӣ, чамъбастӣ, хулосавӣ ва муайянкунанда аст.

Таълим мухимтарин воситаи системакунонӣ, асоснок намудан, таквият бахшидани маънавияти инсонӣ, танзимгари ният ва накшахои созандаи тарбия аст.

Илм вокеиятбахшӣ, самаранокӣ, натичагирӣ ва самтхои таълимро муайян ва таъмин мекунад. Ва албатта, «Тарбия ва факат тарбия - максади мактаб мебошад» (И.Песталотси). Маърифаткунонӣ бошад, асбоби тарбия аст.

Дар чараёни таълиму тарбия муаллим шахсияти марказӣ, офарандаи фазо ва амаликунандаи максадноки тарбия аст.

Бинои хозиразамони мактаб, васоити техникӣ, синфхои компютерӣ, майдончахои бархавои варзишӣ гарчанде мухимманд, аммо накши марказонидашудаи муаллим мехвари муайянкунандаи чараёни маърифаткунонии бунёдии чомеа буд, хаст ва бокӣ хохад монд.

Дар хар мактаб, хадди акал, мебояд чанд муаллиме фаъолият кунанд, ки талабагон имкон дошта бошанд, то дар сатхи кадом як синфе «аз дасти онхо гузаранд». Муаллимоне, ки дар тахассусмандӣ, максаднокӣ ва самтгирии тарбияи шогирдон

хотирмон бошанд. «Омили худшиносӣ ва хидояткунандаи шинохти вокеияти хастӣ гарданд» (Г.В.Ф. Гегел).

Агар мактаб ин имкон ва кудратро дошта бошад, худкифо ва комгор аст.

Барои ман хамчунин муаллим, ки баъдан тамоми умр «ангуштгазидание ба шогирдон монд», Усмон Рахмонов буд.

Ӯ як марди коматбаланд ва тануманд, ба андозаи баданаш каллаи калон дошт. Сафедпӯст, чашмони точикии моил ба чустучӯйи дарки умки инсонӣ, харакатхои бидуни кӯшиши зиёдатии аз худ гузоштани таассурот ба фоидаи эътирофи фазилатхои хеш, камгап, аммо хушсухан, чиддӣ, лекин кушодарӯ, донишманд, вале хоксор, серталаб, хамзамон одил буд.

Муносибати ӯ бо атрофиён дар мувозинат ба синну сол ва манзалати онон карор дошт.

Шояд дакик набошад, аммо чунин ба назар мерасид, ки Усмон Рахмонов ба хамсухбат зиёд эхсоси ниёзмандӣ намекард.

Ё чунин хислат дошт.

Ба назари мо, шогирдон  менамуд, хамсонеро, ки ӯ дар дарачаи чахонбинӣ, дониш, дарки вокеияти хастӣ ва умки мухокимаронӣ наздик ба худаш бошад, камтар пайдо мекард.

Аз хамин чихат, муомилаи Усмон Рахмонов бо дигарон дар дарачаи салому алейк, холпурсӣ ва тасдики вокеии эхтиромоти якдигарӣ махдуд мегашт.

Аз худ шахси андешаманд, огах ва моил ба навчӯиро мемонд. Кӯтохсухан буд. Аммо хар вакт маънӣ, фикри бикр ва андешаи чолиби таваччух мегуфт. Сохибмаълумоти вокеоти замони зуд тағйирёбанда буд. Гумон мекардӣ, ки ин шахс дар бораи тамоми рӯйдоде, ки дар табиат, чамъият ва маънавиёт мегузарад, маълумоти батафсил дорад. Агар нафаре зарурат ба дониш дошта бошад, метавонад дар ин бора аз ӯ маълумоти пурра бигирад.

Бо хамин хислату фазилати шояд барои худи ӯ ноаён, таваччух ва эхтироми  хамагонро ба худ чалб мекард.

Усмон Рахмонов дар хамсоякишлоки мо – Иттифок зиндагӣ мекард. Ба кор пиёда омаду рафт дошт. Масофа севу ним – чор километр бошад хам, аз ягон намуди наклиёт истифода намебурд.

Соле, ки мо дар синфи панчум мехондем, ӯро директори мактаб таъйин карда буданд.

Факат шиму костюми сиёх, куртаи рангаш сафед ё ширчойӣ, кафши якхелаи сиёх мепӯшид. Токии чустӣ мемонд. Ранги токӣ хира нашуда, онро иваз мекард. Либосхои муаллим доимо пок ва нихоят эхтиёткорона дарзмолшуда. Сарфи назар аз боду хаво ва масири деха пойафзолаш доимо тозаву озода. Бо гузашти чанд сол, вакте собик

шогирдон дар бораи хислатхои муаллим Рахмонов сухбат мекардем, яке аз хамсинфони мо гуфт:

– Ёд доред, дар давоми дарс муаллим Рахмонов гохо аз чайб рӯймолчаи дастиашро баровардa, бо назокати хос ва номаълум пешонии худро пок мекард. Ин рӯймолча хеле тоза, харир, эхтиёткорона чоркат ва дарзмолшуда, монанд ба когази охарии дастнорасидаи хат-хат буд.

Он вакт бори дигар фахмидам, ки на танхо ман, балки дар хамон синну соли наврасии мактаби хаштсолаи дехоти дурдаст, хонандагон ба камтарин чузъиёти рафтор, гуфтор, тарзи либоспӯшии муаллимон таваччух мекарда будаанд. Ва он якумр дар хотири шогирдон бокӣ мемондааст.

Баъзе муаллимон бо сабаб ё шояд бахона, ягон ё якчанд дакика ба дарс дер мекарданд. Дар чор соле, ки муаллим Рахмонов моро аз таъриху география дарс мегуфт, бо ӯ як дафъа хам чунин лахза иттифок наафтода буд.

Мо дарси муаллим Рахмоновро бесаброна интизор мешудем. Аммо чӣ тавр ин соатхо мегузаштанд, бехабар мемондем. Ва баъзан чунин холат мешуд, ки аз хисоби танаффус хам ӯ ба суолхои мо нихоят бодиккат ва мушаххас чавоб медод.

Боиси таассуф буд, ки дар замони то Истиклоли давлатӣ, ба барномаи дарсии «Таърихи Точикистон» таваччухи камтар зохир мешуд. Соатхо басанда набуданд. Ба гайр аз хафриёти археологӣ дар мавзеъхои Ачинатеппа, Кайкубод, Тешиктош ва баъзе дигар рӯйдодхои начандон муассири таърихӣ, маълумоти чолиби таваччухе мавриди омӯзиш карор намегирифт. Донишхо доир ба таърихи халки точикро мо бештар аз китобхои дарсии адабиёти точик мегирифтем.

Китобхои асосии дарси таърих ва география – «Таърихи СССР» ва «Географияи табиии СССР» буданд.

Ин китобхо хам берун аз Точикистон таълиф мешуданд. Барои тамоми хонандагони шашяки рӯйи замин ягона махсуб мегаштанд. Ба забонхои миллӣ тарчума мешуданд. Аммо эътироф бояд кард, ки дар замони Шӯравӣ барои коркарди барномахои таълимӣ, навиштани китобхои дарсӣ бехтарин мутахассисон – олимони номдоре, ки дар эчоди асархои илмӣ, илмӣ - педагогӣ машхуру маъруф буданд, хамзамон, муаллимони эчодкор ва забардасти мактабхои олии мамлакат ба хисоб мерафтанд, чалб мешуданд.

Хамин тарик, китобхои номбаршуда – таъриху чугрофияи Ватани махбуби замонро мо сидкан кабул мекардем. Аз таги дил мехондем. Ба маънӣ ва мантики онхо эътимоди бузург доштем.

Бидуни шак, мухтавои кори мактаб хам дар барнома ва хам дар китобхои дарсӣ катъиян мувофик ба сиёсати расмии давлатдорӣ ташкил мешуд. Коркард мегардид. Ифода меёфт. Рохандозӣ мешуд. Мухтавои ин фаъолият манфиати субот ва пешрафти чомеаро дар назар дошт. Нуктае барои эчоди шубха нисбат ба чахонбини илмӣ намегузошт.

Муаллим Усмон Рахмонов ба дарсхо бо тайёрии хаматарафа меомад.

Мо, шогирдони собик то хол фикр мекунем, ки ӯ маводи дарсии мактаби миёнаро ханӯз дар замони донишчӯйӣ нихоят хуб аз бар карда будааст. Зеро мо хис мекардем, донишхое, ки муаллим ба мо медод, хеле васеъ аз доираи мавзуъ ва мундаричаи китобхои дарсӣ буданд.

Вокеан, «Барои он ки дигархоро омӯзонӣ, бояд худат бисёр чизхоро донӣ» (В.Короленко).

Хамзамон, эхсос мегардид, ки муаллим китоби дарсиро бо дарки умки фахми муаллифи он аз худ кардааст. Адабиёти иловагӣ дастрас намудааст. Онхоро хуб омӯхтааст. Барои мисол, аввалин бор мачаллахои машхури илмӣ ва илмӣ-оммавии «Вопросы истории» ва «Вокруг света»-ро мо хонандагони мактаби дехот дар дасти муаллим Рахмонов дида будем.

Ӯ дар дарсхо суханхои нав ва махсусан чолиб мегуфт. Мухокимаронихои донишмандона мекард. Вобаста ба мавзуъ мисолхои чолиби таваччух меовард. Дили шогирдони ташнаи донишро тасхир менамуд. Мо, талабагон байни худ пичир-пичир мекардем, ки ин навгӯӣ ва навгонихои муаллим ба мавзуи дарс аз китобу мачаллахои иловагӣ аст. Ва чунин хулосахо асоснок буданд.

Усмон Рахмонов дарси навро чунон далелнок ва завкманд мебурд, ки мо на танхо вазифаи хонагиро тайёр мекардем, балки бетокатона дарси навбатӣ – мавзуеро, ки ханӯз муаллим нагузаштааст, мехондем. Мехостем фахмем, ки давоми мавзуъ чӣ гуна вусъат пайдо мекарда бошад. Хамзамон, ин амал ба мо имкон медод мухокимаронӣ кунем, то кадом дарача муаллим аз маводи нав, ки дар китоби дарсӣ нест, истифода мекардааст.

Вакте фахмидем, ки чунин муносибати Усмон Рахмонов ба дарс тасодуфӣ ва лахзагӣ нест, шакли фаъолияти доимии ӯст, аввалин бор ташаббускорона барои худ дафтари дарси таърих кушода, суханхои ӯро мисле, ки дар мактаби олӣ лектсия гӯш мекарда бошем, менавиштем. Аммо муаллим ба ин кори мо зиёд таваччух намекард. Ӯ роху усули дарсдихии худро хамон тарз идома медод.

Он замон бехтарин асбоби аёнӣ харита буд. Муаллим вобаста ба мавзуи дарс харитаи мувофикро интихоб карда меовард. Онро ба тахтаи синф насб мекард. Хангоми дарс гуфтан худ ба худ маълум мешуд, ки Усмон Рахмонов ин харитахоро аз ёд медонад. Дар дарачаи нихоят баланди тахассусмандӣ матни маводи дарсиро бо харитаи марбута пайваст карда метавонад.

Яке аз мавзуъхое, ки шогирдонро хайратзада мекард, дар тахтаи синф бо бӯри одӣ кашидани харитахои чангӣ, муайян кардани мавкеъхои мухорибаи тарафхо, самтхои хучум, тагйир ёфтани мавкеи низои чонибхо, истифодаи санъати чангӣ, зарба задан ба мавкеи душман аз камин ва самтхои барои ракиб ногахонӣ, хамзамон бо ин, ном ба ном

донистани фармондехони кӯшунхои тарафхо, генералхо ва афсароне, ки дар рафти чанг роху восита ва корнамоихои фавкулода нишон медоданд, ба хисоб мерафт.

Ӯ тавассути шарх додани мухтавои вокеа, зухурот ва ходисахо кадам ба кадам ба мохият ва максади дарс наздик мешуд. Ба воситаи тафсири мундаричаи мавзуъ бо далелхо, ноаён, зина ба зина эхсоси хонандаро ба мухтавои масъала, тавре ки мехост, бедор мекард. Кӯшиш менамуд, мохияти мавзуъ бо захматхои асиле, ки мекашид, ба хонандагон равшану фахмо гардад.

Психологияи шогирдонро хуб медонист. Ва аз ин мушохида ва хулосахои омӯзандаи худ муваффакона истифода мекард.

Мухтаво ва мундаричаи чахонбинии инсон дар таносуб ба илм мисли мучассамаест, ки бояд хосияти бунёдӣ дошта бошад. Ояндаи инсон вобаста ба он аст, ки ин тахкурсӣ аз кадом мавод, барои кадом иморат ва барои чӣ таъйиноте сохта шудааст? Маълум аст, ки «Чахон хамеша чу чашмест, гирду гардон аст, Хамеша то бувад оин-ш, гирдгардон буд» (Рӯдакӣ). Оё ин зербино ба чунин шароит тобовар хаст ё не? Тавоне дорад, ки дар болои он бинои зиндагии максаднок, барои манфиати худи инсон бунёд шавад?

Муаллими мо ин нозукихоро хеле хуб медонист. Кӯшиш мекард бо мисолу далелхои таърихӣ шогирдонро бовар кунонад, ки одам кудратмандтарин муъчизаи табиат аст. Аз ӯ нерумандтар дар олам чизи дигаре нест. Факат гап сари он аст: ӯ максадгузории худро, ки доимо барои бехбуди зиндагии вокеӣ, заминӣ равона шудааст, бо кадом роху восита амалӣ карданӣ аст.

Мехост толибилмонро сохибмаърифат, мустакил, чӯянда, навовар, нотарс ва мубориз тарбия кунад. Ва ин сифатхо коромади манфиатхои Ватан бошанд. Доштани чунин хислатхоро шарти ба хам мувофик омадани нерухои рухӣ ва чисмонӣ медонист.

Рӯзе устоди мо дар дарси география дар бораи таърихи кушодани китъаи Америка мухокима ронда, суханхои иродатманди кашфкунандаи «Чахони нав»-ро хеле муваффакона мисол овард: «Эй мардум! Ман як нафар камбагали генуягӣ хастам, ки ба Лиссабон омадаам! Китобхои кухна мефурӯшам. Ва харитахои бахрӣ мекашам. Агар замоне шумо шунидед, ки дар олам китъаи наве кушода шудааст, дониста бошед, ки ин корро каминаи камтарини шумо, Христофор Колумб кардааст!!!».

Муаллим Рахмонов ин суханхоро тарзе образнок ва ботантана мегуфт, ки гӯё худи ӯ Христофор Колумб бошад ва ӯро ифтихори кушодани чунин китъа дар пеш аст. Ва мехохад аз байни мо талабагон дар ин кори нихоят хатарнок, аммо шарафманд хамсафари донову гаюр интихоб ва омода кунад.

Хангоми таълими дарсхо муаллими мо мекӯшид, ки дар шуури хонандагон чахонбинии илмӣ тарбия кунад, то онхо чахонро на аз рӯйи таассубу хурофот, афсонахои бепоя, балки бо чашми хирад нигаранд. Дар зиндагӣ фиреб нахӯранд. Рахгум назананд. Эътикоди бунёдии илмӣ хамсафари хаёташон бошад.

Кушодани китъаи навро аз чониби Колумб натичаи панч хислати бузурги ӯ маънидод мекард: мухаббат доштан ба китоб, сару кор гирифтан ва омӯхтани адабиёти илмӣ (1), касбияти олӣ (2), иродаи кавӣ (3), ватанпарварӣ (4) ва часуриву далерӣ (5).

Мо бачахои давр ба зохир ва рафтору кирдори муаллимамон нигариста, суханонашро гӯш карда, ба ӯ эътикод доштем. Аз  ӯ ифтихор мекардем. Муътакид будем, ки хамин панч хислат дар ботини худи муаллими мо Усмон Рахмонов голибият дорад. Ва мо бояд пайрави ӯ бошем.

Муаллими мо кӯшиш мекард, ки бачахо аз чахонбинии гайриилмӣ, он чизе ки аз хакикат дур аст, дар тачрибаи таърихӣ собит нагаштааст, барои тараккиёти илму маърифат монеа эчод мекунад, фосила бигиранд.

Таъкид мекард, ки кимати инсон баробар  ба  дарачаи дарки олами вокеӣ тавассути аклу донишу тачриба аст. Инсон хамон вакт ба зиндагии шоиста муяссар мешавад, донад, ки бузургтарин офаридаи табиат ва чамъияти инсонӣ худи Инсон аст.

Вакте муаллим дар бораи таърихи мамлакатхои Шарк ва Африкои Шимолӣ сухбат мекард, бо мисолхои дакик шарх медод: то вакте ки инсон кудрати фахмидани сирри куввахои олами атрофро надорад, вай мачбур мешавад кӯр-кӯрона ба такдир тан дихад. Ӯ гаштаву баргашта таъкид мекард, ки факат дониш метавонад ба одамизод сабабхои бадбахтии ӯро ошкор созад. Роххои хушбахтӣ ва пирӯзиашро нишон дихад.

Усмон Рахмонов зинахои тараккиёти инсониро бо мисолхои одӣ мефахмонд. Дар яке аз дарсхо аз таърихи асрхои миёна, дар бораи чӣ тавр аз феодализм ба капитализм гузаштани халкхои Аврупоро дар мисоли корхонаи сӯзанбарорӣ мисол овард.

Барои ноил гаштан ба максади дарс ӯ чараёни аз фулозот то махсулоти тайёр шудани ин асбоби одӣ – чараёни истехсолотро ба мо бачахои дехот накл кард. Ин дарс чунон чолиб буд, ки гӯё худи муаллим директори корхона, сардори сех, мухандис, технолог, коргари одӣ, мудири шуъбаи санчиши сифати махсулот, корманди агентии рекламаи махсулоти тайёр, сардори муассисаи фурӯши мол ва окибат истифодабарандаи он бошад.

Барои мо мавзуъхои аввалин бор дар Белгия сохта шудани рохи охан, аз чониби Ричард Треветик ихтироъ гардидани машинаи бо буг харакаткунанда ва монанди ин кашфиёт чолиби таваччухи махсус буданд.

Муаллим, хамзамон, омилхои пешрафти мардуми Гарбро тафсир мекард. Таъкид менамуд, ки харчӣ бештар донишхои худро дар самти илмхои дакик ва табиатшиносӣ сайкал дихем ва истифода намоем.

Вобаста ба мавзуъхое, ки устоди мо, тибки барномаи таълимӣ, бароямон дарс мегуфт, таъкид менамуд, ки табиат дару девор, мошин, роххои охан, накбхо, наклиёт ва неругоххои обии баркиро намесозад. Хамаи инхо махсули майнаи инсони босавод, мутахассис, ба тарзи дигар, натичаи донишхое хастанд, ки дар шакли вокеӣ, моддӣ, зинда рӯйи кор оварда шудаанд.

Яке аз суханхои хотирмони муаллим Рахмонов барои шогирдон, ки хамзамон, мо онро кӯтохнавис карда, баъдан як умр фаромӯш накардем, он буд, ки таърихи тараккиёти чамъият аз таърихи инкишофи табиат фарк мекунад. Агар мо дар ин маврид таъсири инсонро ба табиат ва холати баръаксро ба назар гирем.

Дар табиат, дар мачмуъ, ходисахои пайдархам ва ба якдигар вобаста рӯй медиханд. Онхо конунмандихои муайяни чараёни табиатро ташкил менамоянд.

Муаллим бо мисолхои мушаххас, дакику равшан нишон медод, ки чунин рӯйдодхо берун аз шуури инсон ба вукӯъ мепайванданд. Одам танхо тавассути илму дониш метавонад ходисахои табиатро пешгӯӣ кунад. Ба онхо таъсир расонад. Аз онхо истифода намояд. Инро таърихи чамъият гуфтан мумкин аст.

Мухимтарин кисмати таърихро, таъкид мекард муаллим Рахмонов, таърихи чамъият ташкил мекунад. Ин шакли чахонбинӣ аз таърихи табиат куллан фарк дорад. Ташаббускор ва кувваи харакатдихандаи он инсони бошуур аст. Ва дар чамъият – таърихи гурӯххои этникӣ, халкхо, миллатхо, синфхо, табакахои ичтимоӣ ва давлатхо, тамоми кӯшишхо, харакатхо, равандхо, холат ва натичаи онхо дар кадом шакле, ки бошанд, факат ва факат натичаи амали максадноки инсонанд. На чизи дигар. Бе амали каблан тархрезишудаи одам, дар таърихи чамъият ягон дигаргунии чиддӣ, хох ба фоидаи инсон ва хох бар зарари он бошад, ба вучуд намеояд. Инро муаллим зухуроти ичтимоӣ - иктисодӣ, сиёсӣ - хукукӣ, чамъиятӣ - идеологӣ ва адабӣ - маданӣ мегуфт ва хар яки онхоро шарх медод.

Бо гузашти солхо, сарфи назар аз интихоби касб, мавкеи ичтимоӣ, инсон харгиз устодони худро, ки дар таълиму тарбияи ӯ сахм доштаанд, махсусан таъсиргузор ва такдирсоз будаанд, фаромӯш намекунад. Дар кисмати худ онхоро сабабгор ва шарику хамдам мешуморад. Дар лахзахои нек ва мушкилоти пешорӯ хам муаллимонашро ба ёд меорад.

Тарбияи инсон душвортарин, хамзамон, бузургтарин масъулият аст, ки ба дӯши муаллим вогузор шудааст.

Тачрибаи кори Усмон Рахмонов, ба назари  ман, намунаи олии фаъолияти тахассусмандонаи максадноки як муаллими одии дехаи дурдасти  замони бе чароги баркӣ буд. Ӯ тамоми хастии худро барои бунёди чахонбинии илмии шогирдон, эхтимоли шахсиятсозии онон равона мекард. Тавассути таълиму тарбия, ки шахсияти худи муаллим, зохир, ботин ва рафтори ӯ кисмати мухимми ин чараён буд, захмат мекашид, ки фарзандони мардумро барои фоидаи худи мардум, барои шинохти илмии замона ба хотири рушди чомеа омода намояд.

Баъди хатми донишкада ман ба мактаби дехаи Ориён ба кор омадам. Муаллим Усмон Рахмонов ба муаллимони чавон таъкид мекард, ки максади аслии таълиму тарбия муътакидкунонист. Агар мактаб аз ухдаи ба донишхои илмӣ, замонавӣ мусаллах ва аз каромоту хурофот, фанатизми динӣ ва такдирпарастӣ рахо кардани шогирдон

набарояд, онро макони илм ва боргохи маърифат номидан хатост. Мо, шогирдон медонистем, ки худи муаллими мо дар ин кор намуна ва мумтоз аст.

Муаллим У. Рахмоновро устоди таърихшиносони маорифи дехот, фидоии илму маърифат ва намунаи олии омӯзгори мактаб, мухандиси бузурги рухи шогирдон номидан арзанда аст. Номи чунин муаллимони беунвони замон ва корномаи онхо човидон мемонад.

Дар бораи муаллим Усмон Рахмонов бо суханони шоири маъруфи асри XI Абусаиди Абулхайр гуфтан мумкин аст :

Ин умр ба абри навбахорон монад,

Ин дида ба сели обшорон монад.

Эй дӯст, чунон бизӣ, ки баъд аз мурдан,

Ангушт газидане ба ёрон монад.

С. Ятимов

Бознашр аз «Чумхурият», № 80-81 аз 30.04.2024